## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Масаидов Ҷамшедҷон Ғуфронович дар мавзӯи "Мукаммалгардонии технологӣ ва воситаҳои техникӣ ҳангоми истифодаи танзимкунандаҳои сабзиш дар токзор", барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D080600 – техникаи аграрӣ ва технология (6D080601 – технология ва васоити механиконии кишоварзӣ)**

Таҳлили анъанавии технологияи парвариши ангур дар шароити токпарварии обёришавандаи Тоҷикистони шимолӣ нишон дод, ки истифодабарии дорупошакҳою дастгоҳҳои дастӣ барои пошдиҳии маҳлулҳои обии гибберелин самаранокиашон хеле паст доранд. Инчунин, хароҷоти меҳнат дар онҳо зиёд (зиёда аз 115 нафар-соат/га) ва талафшавии ҳосили ангур то 30 %-ро ташкил медиҳад.

Муаллиф дар автореферати диссертатсияи худ оид ба гирифтани ҳосили баланди ангур дар шароити заминҳои обии ноҳияи Б.Ғафуровро, яке аз масъалаҳои муҳим барои таъмини талаботи аҳолӣ ва ба даст овардани самаранокии иқтисодӣ барои деҳқонон арзёби намудааст. Ба ақидаи Масаидов Ҷ.Ғ. ҳаҷми истеҳсоли ангур дар айни замон бо сабабҳои мукаммал набудани агротехникаи парвариш паст буда, барои баланд намудани ин нишондиҳандаҳо бояд технологияро такмил дода ҳосилнокиро баланд намуд.

Натиҷаи таҷрибаҳои саҳроиро муаллиф бо нишондиҳандаҳо тасдиқ намудааст, ки дараҷаи саҳеҳии ба тири геометрӣ ҷойгир шудани буттаҳои ток вобаста аз бунёди токзорҳо бо мошин тариқи дастӣ мебошад, ки бо мошин 30% нисбат ба тариқи дастӣ беҳтар гардидааст ва дар оянда барои пошдиҳии босифати маҳлули гибберелин бо таҷҳизотҳои дорупошӣ таъсири мусбӣ мерасонад. Аз тарафи дигар, ба хоҷагиҳои токпарвар тавсия додааст, ки барои шинонидани буттаҳои ҷавони токи ангур воситаҳои техникиро бештар истифода баранд. Ин тарзи кор дар ҳар гектар аз 4 то 5 ҳазор сомонӣ даромади софро медиҳад.

Дар автореферати тақризшаванда дар баробари ҷанбаҳои мусби, баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасанд:

1. Азбаски объекти таҳқиқот таҷҳизоти дорупошак аст, бояд ба масъалаи экологӣ аҳамияти хоса дода мешуд.
2. Дар баъзе расми 9 (саҳ.18), 12 (саҳ. 21) набудани воҳидҳои ченак ба хатогии техникӣ роҳ дода шудааст.
3. Хуб мешуд, ки дар автореферат муаллиф бартарии парвариши ангури навъҳои ватаниро бо дигар ноҳияҳо қиёс намуда ва натиҷаашро бо шакли ҷадвал таҳия ва пешниҳод менамуд.

Камбудии зикргардида моҳияти сифати илмию назариявӣ ва амалии диссертатсияи мазкурро кам намекунанд ва характери тавсиявӣ доранд.

Дар маҷмӯъ, аз омӯзиш ва таҳлили автореферати мазкур бармеояд, ки кори Масаидов Ҷамшедҷон Ғуфронович дар мавзӯи "Мукаммалгардонии технологӣ ва воситаҳои техникӣ ҳангоми истифодаи танзимкунандаҳои сабзиш дар токзор" мавзуи актуалӣ мебошад, ки ба ҳамаи талаботҳои

Комиссияи олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, нисбати диссертатсия аз рӯйи дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D080600 – техникаи аграрӣ ва технология (6D080601 – технология ва васоити механиконии кишоварзӣ) сазовор мебошад.


**Муқарриз:**
д.и.т., директори Маркази
рушди инноватсионии илм ва
технологияҳои нави АМИТ Кодиров А.С.

*Суроға:* 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе. Академияи миллии илмҳои
Тоҷикистон
*Тел.:* (+992) 938301983
*Почтаи эл.:* as.kodirov@gmail.com


*Имзои д.и.т. А.С. Кодировро* ***тасдиқ мекунам:***

*Нозири калони кадрҳои*
*МРИИ ва ТН АМИТ* *Сангинова С.Б.*

05.06.2025 с.